Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА — 014
назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди
Тоҷикистон бо суроғаи: ш. Душанбе, 734067,
кучаи Нахимов, 64/14

Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Раҳимзода Ҷурабек Раҳим дар мавзуи «Навовариҳои бонкӣ ҳамчун афзори рақамикунонии иқтисодиёт» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900- Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) пешниҳод шудааст.

Бояд иброз намуд, ки дар марҳилаи муосири рушди иқтисодӣ равандҳои рақамикунонӣ ба фаъолияти тамоми бахшҳои иқтисодиёт таъсири назаррас мерасонанд. Низоми бонкӣ ҳамчун яке аз унсурҳои асосии низоми молиявӣ дар ин раванд нақши муҳим дошта, татбиқи навовариҳои технологӣ метавонад самаранокӣ, дастрасӣ ва сифати хизматрасониҳои молиявиро ба таври назаррас баланд бардорад. Аз ин рӯ, мавзӯи интихобнамудаи муаллиф мубрам ва дорои аҳаммияти назариявию амалӣ мебошад.

Раҳимзода Ҷурабек Раҳим дар таҳқиқоти худ кӯшиш намудааст, ки моҳият ва хусусиятҳои навовариҳои бонкиро муайян намуда, таъсири онҳоро ба раванди рақамикунонии иқтисодиёт таҳлил намояд. Муаллиф масъалаи мазкурро дар робита бо тағйироти технологӣ ва талаботи нави бозори хизматрасониҳои молиявӣ мавриди омӯзиш қарор додааст.

Махсусан, таҳлили равандҳои ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар фаъолияти бонкҳо, рушди хизматрасониҳои электронии бонкӣ ва такмили воситаҳои муосири пардохтӣ аз ҷанбаҳои муҳими таҳқиқот ба ҳисоб меравад. Татбиқи чунин навовариҳо барои кам намудани хароҷоти амалиётӣ, баланд бардоштани суръати хизматрасонӣ ва беҳтар намудани муносибатҳои байни бонкҳо ва муштариён имконият фароҳам меорад.

Яке аз ҷиҳатҳои мусбати автореферат дар он аст, ки муаллиф ба масъалаи мутобиқсозии низоми бонкӣ ба талаботи иқтисоди рақамӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир кардааст. Дар шароити рақобати афзоянда ташкилотҳои қарзӣ бояд пайваста маҳсулот ва хизматрасониҳои худро такмил дода, технологияҳои нави хизматрасониро ҷорӣ намоянд.

Натиҷаҳои таҳқиқот аҳаммияти амалӣ дошта, метавонанд ҳангоми таҳияи барномаҳои рушди технологияҳои рақамии бонкӣ, такмили хизматрасониҳои молиявӣ ва баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии ташкилотҳои қарзӣ истифода гарданд.

Scanned with CamScanner

Бо назардошти дастовардҳои илмии таҳқиқот, ҷиҳати боз ҳам такмил додани муҳтавои илмии он ва тақвияти дараҷаи асоснокии хулосаҳои бадастомада, мувофиқи мақсад дониста мешуд агар муаллифи рисола:

-Дар автореферат моҳияти иқтисодии мафҳуми «навоваріҳои бонкӣ» ба таври васеъ баррасӣ гардидааст, вале ба назари мо, фарқияти он аз мафҳумҳои «технологияҳои молиявӣ», «рақамикунонии хизматрасониҳои бонкӣ» ва «финтех» метавонист мушаххастар нишон дода шавад.

-Таҳлили таҷрибаи байналмилалӣ дар самти истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар фаъолияти бонкҳо бештар ба таври умумӣ пешниҳод гардидааст. Таҳлили муқоисавии таҷрибаи якчанд кишвар метавонист асоснокии пешниҳодҳои муаллифро боз ҳам тақвият бахшад.

Эроди мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта, ба арзёбии умумии мусбати таҳқиқот таъсири манфӣ намерасонад.

Дар маҷмӯъ, автореферати диссертатсия бо сатҳи зарурии илмӣ таҳия гардида, натиҷаҳои асосии таҳқиқот, аҳаммияти назариявӣ ва амалии онҳо ба таври кофӣ инъикос ёфтаанд.

Бо назардошти аҳаммият ва зарурияти мавзӯъ, натиҷаҳои бадастомада ва пешниҳодҳои илмии муаллиф, диссертатсияи Раҳимзода Ҷурабек Раҳим дар мавзӯи «Навоваріҳои бонкӣ ҳамчун афзори рақамикунонии иқтисодиёт» ба талаботи муқаррарагардида ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) мебошад.

Тақризиҳанда:
н.и.и., дотсент, мудири
кафедраи фаъолияти бонкии
Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон **Шомаҳмадзода Ф.Ш.**

Имзои Ф.Ш.Шомаҳмадзодаро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДБСС **Ҷураев Ш.Н.**

Суроға: Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Борбад, 8/5. Мудири кафедраи кори бонкӣ. Телефон (+992)972346688, E-mail: firdavsbekov-1985@mail.ru.

"16" 09 2026

Scanned with CamScanner